# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Валиева Ҳалима Субҳонқуловна дар мавзуи «Тавсиф дар осори Сайф Раҳимзоди Афардӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ**

Диссертатсияи Валиева Ҳалима Субҳонқуловна ба яке аз мавзуъҳои мубрами адабиётшиносӣ бахшида шуда, мақсади он муайян намудани тавсиф ва роҳҳои корбурду корбасти он дар осори Сайф Раҳимзоди Афардӣ мебошад.

Адабиётро муҳаққиқон оинаи зиндагӣ хондаанд, ки ин комилан дуруст аст. Адибон зиндагии инсонҳоро ба риштаи тасвир мекашанд ва агар нависанда ё адиб бо усулу равишҳои адабӣ тасаллути комил ва ҷаҳони ботинии бою рангин дошта бошад, саддарсад тасвири ӯ хеле ҷаззоб ва фарогири тамоми масоили ҳаёту зиндагӣ хоҳад буд. Вақте сухан дар бораи осори нависандае чун Сайф Раҳимзоди Афардӣ равад, билофосила пеши чашми мо тасвири ботинии инсон ҳувайдо мегардад.

Муҳаққиқони осори Сайф низ ба ин нукта таъкид кардаанд, аз ҷумла: «Дар инъикосу бозтоби ҷаҳони ботини инсон, мақому рисолати он ва тасвири ҳолатҳои равонии қаҳрамононаш дасти расо ва истеъдоди чашмгир дошт».

Ҷаҳони ботинии инсон ба масобаи коинотест, ки ҳадду канор надорад ва тасвири он на ба ҳар як нависанда даст медиҳад.

Муҳаққиқони адабиёт бештар моил бар онанд, ки он нависандагонеро, ки ба дарунмояи ҳар чизе менигаранд, адибони равоншинос ном бибаранд. Мо намунаи беҳтарини ин насрро дар насри нависандаи маъруфи рус Фёдор Михайлович Достаевский ва нависандаи маъруфи Эрон Содиқ Ҳидоят мебинем.

Бешак, нависандаи маъруфи тоҷик Сайф Раҳимзоди Афардӣ бо осори ин нависандагони забардаст ва бо адибони дигари маъруфи дунё, ки даст ба тасвири дарунмояи ҳама чиз задаанд, огоҳии комил дорад. Аз ин рӯ, насри ин нависандаи маъруф, ки аз тири душманони миллат

фавтид, беҳтарин насри муосири тоҷик дар инъикоси ҷаҳони ботинии инсон ва дарунмояи ҳамаи ашёву предметҳое, ки ӯ ба риштаи тасвир кашидааст, мебошад.

Шиносоӣ бо мазмуни диссертатсия аз тариқи фишурдаи он нишон медиҳад, ки муаллиф ба таври хеле ҳирфавӣ, касбӣ ва моҳиронаву илмӣ мақсад, объект, мавзуъ ва вазифаҳои диссертатсияро муайян намудааст. Бо таваҷҷуҳ ба фишурдаи кор метавон гуфт, ки муаллиф дар кори худ маводи зиёдеро истифода намуда, кори пурарзише таълиф кардааст.

Ӯ масъалаи мазкурро ҳамаҷониба шарҳу тавзеҳ дода, диди тоза ва чирадастии нависандаи маъруфи тоҷик Сайф Раҳимзоди Афардиро аз зовияи илмӣ ба хонандагони тоҷик муаррифӣ карда тавонистааст.

Аҳаммияти назариявии кор аз он иборат аст, ки диссертант бо такя ба тадқиқоти олимони ватанӣ ва хориҷӣ андешаҳои худро ба таври хеле сода ва возеҳ баён намудааст.

Кор аз муқаддима, се боб, хулоса ва феҳрасти адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Сарфи назар аз он ки автореферат бо забони бисёр фасеҳу равон навишта шудааст, дар он баъзе хатоҳои имлоӣ ва техникӣ низ дида мешаванд, ки ба ҳеҷ унвон ба ҷанбаи илмии кор таъсиргузор намебошанд. Кор хислати таҳлилӣ ва эҷодӣ дорад.

Аз фишурдаи кор метавон чунин натиҷа гирифт, ки диссертатсия кори баитмомрасида мебошад. Муаллиф ба ҳадафи гузоштаи хеш расидааст.

Кор мутобиқ ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия карда шуда, ба тамоми талаботи иҷрои чунин корҳои илмӣ ҷавобгӯ мебошад. Аз доираи кор 6 мақола ба нашр расонида шудааст, ки 4-тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонида шудаанд.

Автореферати ба забонҳои тоҷикию русӣ мураттабгардида мазмуну муҳтавои диссертатсияи Валиева Ҳалима Субҳонқуловнаро дар мавзуи “Тавсиф дар осори Сайф Раҳимзоди Афардӣ” пурра инъикос менамояд. Диссертатсия таҳқиқоти мукаммали бaанҷомрасида махсуб

ёфта, ба талаботи бандҳои 31,33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01. – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ сазовор мебошад.

**Муқарриз,** мудири кафедраи методикаи
таълими забон ва адабиёти тоҷики
МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав», номзади
илмҳои филологӣ: Муродов Алишер Аслонхонович

Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон
Ш.Бохтар, кучаи Дӯстии халқҳо 2 Б/10
Тел: (+992) 904494344

Имзои Муродов Алишер Аслонхоновичро тасдиқ менамоям.
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси МДТ «Донишгоҳи
давлатии Бохтар ба номи
Носири Хусрав» Шукурзод Ҷамшед Абдуалим

Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Бохтар кӯчаи Айнӣ, 67
Тел.: (83222) 2-45-20; 2-22-53
E-mail: ktsu78@mail.ru, web-сайт:
www.ktsu. edy.tj

Сана: 1.04.2024